*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063*
*назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва*
*соҳибкории Тоҷикистон*
*(734065, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити муосир низоми бонкӣ унсури зарурии муносибатҳои хоҷагидорӣ баромад мекунад. Ба монанди дигар ташкилотҳо, баҳри нигоҳдории раванди инкишоф, баланд намудани сатҳи хизматрасонӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ роҳандозӣ намудани дурусти амсилаи фаъолият муҳим арзёбӣ карда мешавад. Барои баланд намудани сатҳи хизматрасонӣ ва васеъ намудани доираи пешкаш намудани маҳсулоти мухталифи бонкӣ, ба бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, ки мавқеъи худро бар бозори молиявӣ муқаррар намуда, рақибони имконпазири худро муайян намояд. Ҳамзамон ба назар гирифтани дархост ва эҳтиёҷоти мизоҷони бонкҳои тиҷоратӣ барои фаъолияти босамар аҳаммияти калон дорад. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар замони муосири густариши технологияҳои рақамӣ мутобиқсозии фаъолияти бонкӣ ногузир такомули стратегияҳои маркетингиро тақозо менамояд. Ташкил ва татбиқи стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ бо дарназардошти алоқамандии мутақобилан судманди бонк ва мизоҷ ба роҳ монда шуда, аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба инобат гирифтани дархост ва пешниҳодҳои мизоҷон баҳри васеъ намудани доираи фаъолият мусоидат менамояд. Ҳадафгирии маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шиддатёбии мубориза и рақибона байни бонкҳои тиҷортӣ зарурати худро инъикос менамояд. Такомули стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ раванди таҳқиқ, баҳодиҳӣ ва исботи номгуйи хизматрасониҳои бонкиро барои мизоҷон дар назар дошта, дар маҷмуъ ҳамчун омили пешрафти низоми бонкӣ баромад менамояд.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои такмили стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ муҳим ва мубрам аст. Таҳқиқи такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир барои пойдор намудани ҳадафҳои пешрафти низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Маҳз дар асоси муқарраротни дар боло қайдгардида мубрамият ва арзиши илмии таҳқиқоти Комилова К.Н. арзёбӣ мегардад.

Дар автореферати тақризшаванда муаллиф консепсияҳои мухталифи меркетингиро бо дарназардошти таъсири омилҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор дода, марҳилаҳои ташаккул ва рушди маркетинг, тағйирёбии самтнокӣ ва шаклгирии консепсияҳо дар доираи таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва дар ҳолати рушд қарор дошта таҳлил ва омезиш намудааст (с. 9 - 10). Чунин муносибат ба унвонҷӯ имкон фароҳам овардааст, ки табиати "стратегияи маркетингиро" ба таври возеҳ шарҳ диҳад (с. 10-12).

Бо риояи давомнокии мантиқӣ аз ҷониби муаллиф бозори хизматрасонии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуда, бонкҳои тиҷоратӣ аз рӯйи дараҷаи истифодабарии қисматҳои стратегияи маркетингӣ дар мамлмакат барои соли 2023 раддабандии карда шудаанд (с. 16).

Дар асоси таҳлилҳои эмпирикии амаликардашуда, аз ҷониби довталаб шакли рақобатнокии бозори бокнии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳисоб намудани инекси Херфиндал-Хиршман муқаррар карда шудааст, ки он ҳамчун бозори рақобати монoплӣ арзёбӣ карда шудааст, ки ба воқеъияти аслӣ мутобиқат менамояд (с. 18).

Мунносибати мантиқӣ ба таҳқиқот имкон фароҳам овардааст, ки дар асоси таҳлилҳои эмпирикӣ истифодаи модели ба мизоҷ нигаронидашудаи стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ пешкаш карда шавад (с. 22 - 23).

Новобаста ба натиҷаҳои мусбат ва арзишманд, автореферати диссертатсияи тақризшаванда аз баъзе камбудиҳо холӣ нест, бахусус:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф барои дақиқтар намудани ақидаҳои худ таҳлили SWOT ва PEST-ро оид ба бонкҳои тиҷоратии таҳлилшаванда амалӣ мекард.

2. Дар таҳқиқот ба раванди рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аҳаммияти бештар зоҳир карда шавад, дараҷаи эътимоднокии автореферат ва диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

Маврид ба зикр ст, ки эроду камбудиҳои мазкур дараҷаи баланди илмии таҳқиқотро коста накарда, ҳамчун тавсия баён карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилона ва ба охиррасидаи муаллиф шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои илмии он барои такомули стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Мақолаҳои унвонҷӯ мухтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Автореферати диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Комилова Камила Наврузовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

«10» 08 соли 2026.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 28, бинои 2 "Б", ҳуҷраи 10,
Тел: (+992) 92 845 00 54
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru
Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39.
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj

«10» 08 соли 2026.